***ТДУ 002.6***
***ТКБ 76.12***

***ВОҚЕИЯТ ВА ТАХАЙЮЛ ДАР ҲАҶВИ ПУБЛИСИСТӢ***

***Самадова Дилбар Ҳасановна,*** *н.и.ф., дотсенти кафедраи журналистика ва назарияи тарҷума;* ***Мавлянова Муаттар Зайниддиновна,*** *унвонҷӯи кафедраи журналистика ва назарияи тарҷумаи МДТ “ДДХ ба номи акад.Б.Ғафуров”(Тоҷикистон, Хуҷанд)*

***РЕАЛЬНОСТЬ И ВООБРАЖЕНИЕ В САТИРИЧЕСКОЙ ПУБЛИЦИСТИКЕ***

***Самадова Дилбар Хасановна,*** *к.ф.н., доцент кафедры журналистики и теории перевода;* ***Мавлянова Муаттар Зайниддиновна,*** *соискатель кафедры журналистики и теории перевода ГОУ “ХГУ имени акад. Б. Гафурова”(Таджикистан, Худжанд)*

***REALITY AND IMAGINATION IN SATIRICAL JOURNALISM***

***Samadova Dilbar Khasanovna,*** *cand. Filol. Sciences, Associate Professor of the department of journalism and theory of translation;* ***Mavlyanova Muattar Zayniddinovna,*** *claimant for candidate degree of the department of journalism and theory of translation under the SEI “KhSU named after acad. B.Gafurov” (Tajikistan, Khujand),* ***E-mail:*** *d-samadova@mail.ru*

***Вожаҳои калидӣ:*** *ҳаҷви публитсистӣ, гӯшаи ҳаҷвии “Анбӯр”, нашрия, воқеият, тахайюл, унсури бадеӣ, ҳаҷв, гӯшаи ҳаҷвӣ, рӯзномаи “Ҳақиқати Ленинобод”*

*Дар мақола сухан дар боби нақш ва мавқеи воқеият ва тахайюл дар ҳаҷви публитсистӣ меравад. Муаллифон матолиби гӯшаи ҳаҷвии “Анбӯр”-и рӯзнома “Ҳақиқати Ленинобод”-ро дар солҳои панҷоҳуми асри гузашта мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор дода, дар ин замина дар боби нозукиҳои жанри ҳаҷви публисистӣ ва вежагиҳои хоси анвои он маълумот додаанд. Дар заминаи таҳлили публисистикаи ҳаҷвӣ нақши воқеият ва тахайюлот дар осори ҳаҷвӣ мавриди омӯзишу баррасии муаллифон қарор гирифтааст. Зикр гардидааст, ки дар меҳвари матолиби ҳаҷви публисистӣ, бештар воқеият ва тахайюлоти ҳаҷвӣ мушоҳида гашта дар баробари ин, муаммову андеша дар бештари матолиби ҳаҷвӣ нақши муассир дошта, дар пайванд бо аносири ҳаҷвӣ ва адабӣ рангину ҷолиб тасвир гардидаанд.*

***Ключевые слова:*** *публицистическая сотира, сатирический уголок “Анбур”, издание, реальность, воображение, художественный элемент, юмористический уголок, газета “Хакикати Ленинобод”*

*В статье рассматриваются роль и место реальности и воображения в публицистической сатире. Авторы исследуют материалы пятидесятых годов прошлого столетия юмористического уголка «Анбур» газеты «Хакикати Ленинобод» и на этой основе предлагают информацию о тонкостях комических жанров и их особенностях. На основе анализа сатирических произведений авторами изучается и рассматривается роль реальности и воображения в юмористических произведениях. Отмечается, что в основе публицистической сатиры лежат все комиксы, в основном реальность и комические образы, а также проблемы и идеи, которые играют важную роль в большинстве комиксов, и изображены красочно и интересно в сочетании с юмористическими и литературными элементами.*

***Key words:*** *journalistic sotira, satirical corner "Anbur", publication, reality, imagination, artistic element, humorous corner, newspaper "Hakikati Leninobod"*

*The article dwells on the role and place of reality and imagination in journalistic satire. The authors canvass the materials of humorous corner "Anbur" of the newspaper "Khakikati Leninobod" and proceeding from this assumption they offer information concerned with intricacies of comic genres and their features. Designing on the premise of the adduced analysis beset with satirical works, the authors study and consider the role of reality and imagination in humorous works. It is underscored that journalistic satire is based on all comics, mainly reality and comic images, as well as problems and ideas that play an important role in most comics, and are depicted colorfully and interestingly in combination with humorous and literary elements.*

Дар ҳама давру замон публисистикаи ҳаҷвӣ бо ҷолибиву рангиниашон маҳбуби омма гардидаанд. Публисистикаи ҳаҷвӣ, нозукиҳои хоси худро дошта, истифодаи дурусти он метавонад маводро муассиртару рангинтар гардонад. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки ҳангоми таълифи осори ҳаҷвӣ таваҷҷӯҳи ҷиддӣ ба ҷузъиётҳои муҳими маводиби ҳаҷвӣ ба манфиати кор аст. Яке аз он ҷузъиёт ва ё унсурҳои муҳими осори ҳаҷвӣ ин мавқеи воқеият ва тахайюл дар матолиби ҳаҷвӣ ба шумор меравад.

Дар мавриди воқеият ва тахайюл дар осори ҳаҷвӣ муҳаққиқони зиёди ватаниву хориҷӣ аз қабили С.Солеҳов, Ш.Муллоев, А. Саъдуллоев, М. Муродов, А. Мавлонов, Л. Колашников, Е. Прохоров, А. Горбунов ва дигарон нуктаи назари худро баён доштаанд. Дар бештари ин таҳқиқот зикр гардидааст, ки бамаврид истифода намудан аз воқеият ва тахайюл дар публитсистика ба манфиати кор аст. Олими рус С.Гуревич дар ин маврид бар он ақида аст, ки “ҳамагуна саҳнаҳои тахайюлӣ бояд муносиби қаҳрамон сохта шаванд” [3,с.1-207] Чунончӣ, агар дар бобати нафари дуруғгӯй маводе омода гардад, зарур аст, ки он чун рӯзномаи он нафар нигошта шавад, ки ӯ имрӯз бо дурӯғҳояш боз ба кӣ зиён мерасонад ва ё боз чи дурӯғҳое гуфтанаш мумкин аст.

Яке аз нозукиҳои хоси ҳаҷв ва анвои он ин пеш аз ҳама бардошт аз воқеияти зиндагӣ ва иллату норасоиҳои ҷомеа ба шумор меравад. Омили дигаре, ки воқеан дар муассирӣ ва ҷолибии матолиби ҳаҷвӣ заминаи мусоид мегузорад, ин мушоҳидакору ҳақиқатнигор будани муаллифи он мебошад. Ва ин ҳама дар натиҷаи омезиш бо унсурҳои бадеӣ ва тахайюли бою рангин маншаи эҷоди ҳаҷвияҳои адабию публитсистӣ мегардад. Суоле пеш меояд, ки ҳаҷв чун василаи муассири баён ба воқеият чи иртиботе дошта метавонад, дар ҳоле, ки тахайюл низ дар он мушоҳида мегардад? Дар ин маврид танҳо ҳаминро метавон гуфт, ки бидуни омӯзиши ҳаёту воқеияти ҷомеа ҳаҷвнигор наметавонад, матолибе омода созад, ки дархурди замон бошад. Дар ҳоле, ки матолиби ҳаҷвӣ ба талаботи айёму табиати инсонӣ созгору мувофиқ наояд, наметавон аз ҷолибии навиштаҳои ҳаҷвӣ ёдовар шуд.

Муҳаққиқ Ш.Мӯсоев омилҳои сатҳӣ ва умумӣ доштани матолиби ҳаҷвиро таъкид намуда, чунин мегӯяд: “афсӯс, омӯзиши ҳаёти воқеъӣ ва тахаюли рангин мақоми хешро то ба ҳол пайдо накардааст. Аз ин рӯ ҳаҷви мо сатҳӣ ва умумӣ мебошад”[7, с.4-10].

Дар ин замина мо наметавонем, андешаҳои мавсуфро ҳадди ниҳоии ин масъала шуморему бо он қаноат намоем, зеро раванди мутолиа ва омӯзиши матолиби солҳои панҷоҳуми гӯшаи ҳаҷвии “Анбӯр”-и нашрияи “Ҳақиқати Ленинобод” (ҳоло “Ҳақиқати Суғд”) нишон дод, ки бештари навиштаҳо дар асоси воқеияти иҷтимоӣ таълиф гардида, ҳамзамон бо услуби бадеӣ омезиш ёфтаанд. Ва ин омезиш ба андешаи мо боиси муассиру боз ҳам ҷолиб гардидани он ҳама навиштаҳои ҳаҷвӣ гардидааст. Ба хотири собит намудани андешаҳои хеш ба сафҳаҳои “Анбӯр” рӯй меоварем. Чунончӣ, дар яке аз шумораҳои нашрия дар гӯшаи “Анбӯр” мактубе бо унвони “Анбӯри азиз!” нашр гардидааст, ки муаллифи он бо тасвирҳои зебо вайронаву харобазор будани баъзе кӯчаҳои шаҳри Хуҷандро инъикос намудааст. Аз ҷумла дар мактуб омадааст:

“Хоҳишмандам ки «Аз нӯги хамир фатир» карда, як боракак бо миқдори тавоноии худ аз гӯши чапи коркунони хоҷагии коммуналии шаҳри Ленинобод сахтакак кашида мон, то ки онҳо чашмони шираолудашонро калонтар кушода, кӯчаҳои баландию чуқурчазор, ифлосу «пудраи бепул» пошандаи Озодӣ, Мопр, Чорбоғ, Горький ва Набережнаяро бемалол бинанд. Агар ҳавсала карда аз кӯчаҳо гузашта монӣ, ҳамон замон маҷбур мешавӣ, ки пойафзолатро ба пардозчию либосатро ба тағораи ҷомашӯӣ командировка кунӣ. Охир ба ин аҳвол то кай тоқат кунем!” [4, с.3].

Тавре мушоҳида мешавад, дар ин мактуб муаллиф воқеиятро бо бадеият омезиш дода, иборан “пудраи бепул”-ро дар мавқеаш истифода бурдааст. Ҳадафи муаллиф дар ин ҷо хок ва чангу ғубор аст, ки ҳамарӯза аз он кӯчаҳои номбурда ба осмон мехезад. Маҳз ин ибора вазъи он кӯчаҳоеро, ки мавриди таваҷҷӯҳи муаллиф қарор гирифтаанд, возеҳу равшан тасвир намудааст. Ҳамчунин вожаи дигаре, ки таваҷҷӯҳи хонандаро ҷалб месозад, ин калимаи русии “командировка” мебошад, ки навиштаро воқеан ҷолибу рангин гардонидааст. Шояд бо назардошти он ки маводи мазкур ҳаҷвӣ аст, муаллиф ин вожаро дар ин ҷо муҳим донистааст. Бо мутолиаи ин навишта як табассуме дар лабҳо пайдо мешавад, аммо ин табассум аз пайи худ боз дарде дорад. Ба қавле “ҳаҷв ин шодиест, ки андӯҳ дорад”[7,с.11]

Дар ин маврид метавон чунин илова намуд, ки ин андӯҳ ба хотири он ҳама норасоиҳо ва иллатҳои ҷомеа мебошад, ки муаллифони ҳаҷвияҳо ва матолиби ҳаҷвӣ онҳоро инъикос менамоянд. Боиси қайд аст, ки аксари матолиби ҳаҷвӣ ҳамчунин бо тариқи назм низ таълиф

гардидаанд ва мусаллам аст, ки назм бидуни тахайюл ва бадеият буда наметавонад. Дар гӯшаи “Анбур” пеш аз ҳама таваҷҷӯҳи моро шеъре бо унвони “Арзи ариза” ҷалб намуд. Ин шеър ба қалами шоир М.Аминзода тааллуқ дорад. Дар шеър чунин омадааст:

***Ариза арз кард охир ба сардор,***
***Ки «ман дар дела мехобам-чӣ бекор?***
***Ба кори соҳиби ман чора ҷӯед,***
***Ҷавоби «ҳаю не» бар вай бигӯед****[1].*

Тавре мушоҳида мегардад, дар ин шеъри ҳаҷвӣ ариза ба забон омада, аз сардораш хоҳиш менамояд, ки ӯро боре ҳам варақ занаду ҷавоби ҳаю-неяшро ба соҳибаш расонад, охир аз хобидан ҳам ба ҷое расидааст. Аслан, худ унвони шеър ҷолиб аст ва бешак ҳар нафаре, ки ин шумораи нашрияро варақ занад, ҳатман ин шеърро бозавқ мутолиа менамояд.

***Чу ман бисёрҳо дар дела таҳ-таҳ,***
***Бихобидайд ҳафта-ҳафта, маҳ-маҳ.***
***Намеоем мо ҳаргиз ба хотир,***
***Мағору пӯпанак бастем, охир!*** *[1].*

Шоир аз забони ариза гӯё иттилоъ медиҳад, ки ман тӯли чандин моҳ боз дар кадом як “дела” қабат-қабат монда шуда, хоби ноз дорам. Аз он ки мо дар дохили ин “дела”-ҳо хоби ноз дорем, касе моро ёд ҳам намекунад, аз ин ҳама интизориҳои бепоён мағор бастаем. Дар ин порча тавре мушоҳида мешавад, боз калимаи русии “дела” оварда шудааст. Аз як нигоҳ ин шеър басо ҷолибу ҳаҷвӣ ба назар мерасад, аммо дар асл он маънои танқидиву эътирозомезе бисёр дорад. Масалан, ин ҳадафи худро шоир метавонист, дар кадом як навиштае бо як ё ду ҷумлае баён созад, аммо бо назардошти ҷолибияти матолиби ҳаҷвӣ, ба вижа шеъри ҳаҷвӣ мақсади худро тариқи назм ифода намудааст:

***Зи номи соҳибон ҳастем мо арз,***
***Чӣ гап, ки оқибат аз арзҳо арз!»***
***Ҷавобаш дод сардори идора:***
***«Манам якка, шумоён бешумора.***
***Магар коре ҷуз ин дигар надорам,***
***Дигар ташвишу дарди сар надорам?!***
***Биёбад то ба худ роҳи гурезе,***
***Зи нав зад бар дарун худро ба тезӣ.***
***Кунун, “Анбӯр”, кори ин кашола,***
***Ба ҷои чорабин бошад ҳавола!*** *[1].*

Нуктаи ҷолиби ин шеър боз дар он аст, ки он қаҳрамони таъин надорад ва сухан дар бораи кадом ариза меравад номаълум ва номуайян аст. Ин шева ба андешаи мо аз чанд ҷиҳат писандида аст. Аввалан, ҷиҳати хубии ин шеваи нигориш пеш аз ҳама дар он аст, ки ин таъкиду ишораҳо метавонанд ба ҳама масъулини хоҷагиҳо ва умуман муассисаҳои мухталиф таъсири худро расонад ва онҳоро ба масъулиятшиносӣ водор намоянд. Баъдан ин шева гуиё як навъ ҳушдорест ба он ҳама шахсони масъул, ки нисбати арзи мардум нописандӣ менамоянд.

Чун доманаи публитсистика фарох аст, вобаста ба шароит ва рушди ҷомеа он низ дар марҳалаҳои мухталиф вусъати тоза пайдо намуда, дар инъикоси умдатарин масоили ҷомеа ва норасоиҳои он ба таври ҳамешагӣ мусоидат менамояд. Раванди омӯзиш ва таҳқиқи мавзӯъ нишон дод, ки публитсистикаи ҳаҷвӣ низ дар баробари бозтоби муаммо ва норасоиҳои ҷомеа пайванди бадеият ва тахайюл буда, ҳамеша аз ин ҷузъиёти муассир дар мавридҳои зарурӣ ба таври васеъ истифода бурдааст. Шеваи нигориши осори ҳаҷвӣ аз ҳар эҷодкор талаб менамояд, ки ба ҷузъиётҳои муҳими таълифи анвои ҳаҷвӣ таваҷҷӯҳ намояд. Аз ибтидо то ба имрӯз равшан аст, ки он ҳама воситаҳои тасвир пеш аз ҳама барои рангину ҷолиб ифода гардидани фикр ва ҳамзамон возеҳу барҷаста ифода гардидани ғояву мазмуни нигоштаҳо мусоидат мекунанд.

Масалан, яке аз навиштаҳои “Анбӯр” ки “Карнайҳои гунгалак, карнайчиҳои сергап” ном дорад, боиси ҷалби таваҷҷӯҳи мо гардид. Қурбон Баҳлулзода муаллифи ин навишта аз сатҳи пасти хидматрасониҳои соҳаи радиошунавонӣ шикоят намуда, чунин таъкид менамояд, ки қариб ҳар рӯз дар байни радиодорону коркунони узелҳои радиошунавонӣ моҷаро такрор меёбад. Ба хотири ҷолиб ва таъсирбахш баромадани мавод муаллиф сӯҳбати чанд нафарро далел меоварад, ки ба хонанда асли воқеаро мефаҳмонад. Чунончӣ:

“Овози карнаи радиои мо хаста шудааст, фақат пичирос зада гап мезанад, ягон табобат намекунад-мӣ?

-Гулӯяшро камтар равған кунед, ҷарангас карда гап задан мегирад!

-Карнаи радиои мо чанд рӯз аст, ки тимоқ шудагӣ барин. Бо овози дӯр-дӯру хир-хир базӯр гап мезанаду бечора мақсадашро фаҳмонда наметавонад.....

-Ба ҳамин ҳам шукр кунед, азони дигарон тамоман аз гап мондаанд.

-Радиои мо чаро дам гап мезанаду дам хомӯш шуда мемонад?

Баъзе рӯзҳо нисфи консерт ва ё ягон ахбороти нағзеро мешунаведу нисфаш насия мешавад.

-Ин гапи кӯҳна-ку. Навашро гӯед!

-Карнаи радиои мо бошад тамом гунг шуда мондагӣ.

-«Давои қурут оби ҷӯш» гуфтанд.

Гунг ки шуд ҳамоно ба наваш иваз кунед монед. На шумо ба ташвиш мемонеду на мо.

-Овози радиои мо бад не. Вале як гуноҳе дорад, ки дар давоми шунавондан хуштаккашиҳои гӯшкаркунак бебаркаш шунида мешаванд. Масалан, якбора Тошкентдан гапирамиз» шунида мешаваду ҳамоно хомӯш шуда, «Радиошунавонии Сталинобод шунавонидани имрӯзаи худро ба охир мерасонад» шунида мешавад”[2].

Дар навиштаи зерин муаллиф аз ташбеҳҳои ҷолиб истифода намудааст, чунончӣ ,”карнаи радиои мо тимоқ шудагӣ”, “радиои мо гунг шуда мондагӣ”, “ҳуштаккашиҳои гӯшкаркунак” ва чанди дигар хуб истифода бурдааст, ки навиштаро хонданиву ҷолиб гардонидаанд. Дар ин замина бояд гуфт, ки маҳз ин нуктаҳои ҷолиб муамморо барҷаста нишон додааст. Бо мутолиаи қисмати аввали маводи мазкур суоле сар мезанад, ки ин муаммо дар куҷо мавҷуд аст? Мутолиаи идомаи навишта ба ин савол ҷавоб мегӯяд, чунончӣ, муаллиф худ низ ин ҳолатро пай бурда бошад, ки мегӯяд:

“Хонандаи мӯҳтарам, набояд дар тааҷҷуб монед, ки ин сӯҳбат кай ва дар куҷо барпо гардида бошанд? Ин сӯҳбатҳо ҳамин рӯзҳо дар шаҳрҳои Конибодому Ленинобод, Исфараю Ӯротеппа давом дорад. Дар натиҷаи холабеғамии баъзе коркунони узелҳои радиошунавонӣ, бепарвогии коркунони шӯъбаҳои маданият, нуқтаҳои радио, махсусан дар маҳаллаҳои канори шаҳру қишлоқҳои дурдаст гунгу гунгалак шуда мондаанд.

Бисёр нағз мешуд, ки ташкилотҳои дахлдор дар бораи муолиҷа кардани касалиҳои кори радиошунавонӣ чораҳои профилактикӣ гузаронанд” [2].

Омӯзиши маводи мазкур собит менамояд, ки дар матолиби ҳаҷвӣ тахайюл дар заминаи воқеият зуҳур намуда, дар рангину таъсирбахш баромадани ҳаҷвия мусоидат менамояд. Баёни муаммо ва норасоии ҷомеа бад-ин шева ба андешаи мо метавонад таъсири амиқи худро ба масъулин бирасонад. Ба кадом далел? Бояд гуфт, ки чун нафаре ки ин навиштаро мутолиа менамояд, дар ибтидо шояд бихандад, аммо баъдан чун ҳадафи муаллифро дарк менамояд, теша ба решаи андеша мезанад. Яъне, муаллиф аз воситаҳои тасвир хеле ҷолиб истифода намудааст.

Дар мавриди воситаҳои тасвир дар ҳаҷви публитсистӣ М.Муродов бар он андеша ҳаст, ки “ҷиҳатҳои услубӣ, забон ва воситаҳои тасвир дар ҳаҷви публитсистии тоҷик яксон нест. Масалан, дар маводи ҳаҷвии матбуоти солҳои 1920-1930 воситаҳои тасвир ба рӯҳияи замон, вазифагузориҳои ҳукумату ҳизби айём мувофиқ кунонида шудаанд” [5,с.270].

Таҳқиқу омӯзиши матолиби гӯшаи ҳаҷвии “Анбӯр”-и “Ҳақиқати Ленинобод” нишон дод, ки бештари нигоштаҳои он низ бо истифода аз воситаҳои тасвир таълиф гардидаанд ва бештар заминаи иҷтимоӣ доранд. Яъне, муаллифон ҳамеша бад-он кӯшидаанд, ки мушкилоту норасоиҳои ҷомеаро ба гунаҳои мухталиф бозгӯӣ намоянду дар роҳи ҳалли он ҳама муаммо мусоидат намоянд.Дар ҳар матолиби ҳаҷвӣ тахайюли бою рангин, усули дарки воқеияти реалӣ ва малакаи ҳаҷвнигорӣ мушоҳида мегардад.

Дар маҷмӯъ, таҳқиқу омӯзиши мо нишон дод, ки дар бештари матолиби ҳаҷвӣ пайванди воқеа, андеша ва аносири ҳаҷвӣ бо унсурҳои бадеият мушоҳида мегардад. Баёни маҷозии андеша, фикрҳои ҷолиби киноятдор низ дар бархе навиштаҳо мушоҳида мегарданд, ки бешак ҳар хонандаро ба андеша кардан водор менамоянд. Бо мутолиа ва баррасии матолиби ҳаҷвии гӯшаи “Анбӯр” метавон чунин хулосабарорӣ намуд, ки маҳаки асосии он ҳамаро воқеияти иҷтимоӣ ташкил медиҳад. Дар меҳвари он ҳама навиштаҳои ҳаҷвӣ ки бештар воқеият ва тахайюли ҳаҷвӣ мушоҳида мегардад, муаммо ва андеша нақши бориз дошта, дар пайванд бо аносири ҳаҷвӣ ва адабӣ рангину ҷолиб тасвир гардидаанд. Предмети инъикоси матолиби ҳаҷвӣ

пеш аз ҳама воқеа ва иллату норасоиҳои ҷомеа мебошанд. Ин аст, ки аксари матолиби ҳаҷвӣ ба масоили муҳими рӯз бахшида шудаанд.

## ПАЙНАВИШТ:


1. Аминзода, А.Арзи ариза/А.Аминзода//Ҳақиқати Ленинобод.- 19№ 137.- 1956-8 июн
2. Баҳлулзода,Қ.Карнайҳои гунгалак, карнайчиҳои сергап-//Ҳақиқати Ленинобод.-1956.-№65-28 март
3. Гуревич, С.М.Газета, вчера, сегодня, завтра/С.М.Гуревич.-М.: Аспект-пресс,2004.-288 с.
4. Додо, Р.Анбӯри азиз./Р.Додо//Ҳақиқати Ленинобод.- 1955№166.- 20 август
5. Муродов, М.Публитсистикаи ҳаҷвӣ [масъалаҳои пайдоиш, инкишоф ва таҳаввул]/М.Муродов.- Душанбе, Ирфон,2015.-320 с.
6. Муродов, М. Воситаҳои тасвир дар публитсистикаи ҳаҷвӣ-дар кит. “Аз се шохаи илм”/М.Муродов.-Душанбе, Истеъдод, 2014.- С.137-143
7. Мӯсоев, Ш.- Бурду бохти ҳаҷв//Адабиёт ва санъат.-2006.-№40.-5 октябр.-С.11
8. Солеҳов, С.Ҳаҷв дар матбуоти тоҷикии солҳои 20-30/С.Солеҳов.-Душанбе, 1965.-142с.


## REFERENCES:


1. Aminzoda, A. Writing Application / A.Aminzoda / The Truth of Leninabad.-19th 137.- 1956-8.06
2. Bahlulzoda, K. Karnayhoi gungalak, karnaychahoi sergap / The Truth of Leninabad, 19566, 28.03.
3. Gurevich, S.M. Newspaper, Yesterday, Today, Tomorrow / S.M. Gurevich. –M.: Aspect-Press, 2004. – 288 p.
4. Dodo, R. Dear Suber // R. Dodo / The Truth of Leninabad , 19506, 20.08.
5. Murodov, M. Comic Publication [issues beset with the emergence, development and evolution] /M. Murodov.- Dushanbe: Cognition, 2015. - 320 p.
6. Murodov, M. Image Tools in the Hangi-Kei-Stop Publishing. "From the three Branches of Science" /M. Murodov. – Dushanbe: Talent, 2014. – P. 137-143.
7. Musoevev, Sh. Advantages and Disadvantages of Comics – “Literature and Art”, №40.5.106, P.11
8. Solehov, S. Comics in the Tajik Press Referring to the 20-30-ies Years / S. Solehov. - Dushanbe, 1965. – 142 p.